*УДК 347*
*DOI 10.24412/2411-1945-2023-3-10-21*

# *МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ЗАНОН*

***Раҳмон Озода Эмомалӣ**, н.и.ҳ., докторанти кафедраи таърихи давлат ва ҳуқуқи ДМТ (Душанбе, Тоҷикистон)*

# *ПОНЯТИЕ И ОСОБЕННОСТИ ПРАВОВОГО СТАТУСА ЖЕНЩИН*

***Рахмон Озода Эмомали,** канд. юрид. наук, докторант кафедры истории государства и права ТНУ (Душанбе, Таджикистан)*

# *NOTION AND PECULIARITIES OF THE LEGAL STATUS OF THE WOMEN*

***Rahmon Ozoda Emomali,** candidate of legal sciences, doctoral student of the history of state and law department under the TNU (Dushanbe, Tajikistan) **e-mail:** www-rustam-tj@mail.ru*

*Вазъи ҳуқуқии занон дар робита бо тағйироти куллии ҳолати воқеии иҷтимоии занон таҳқиқ мешавад. Хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии занон дар робита бо сифатҳои ҷинсии занон, нишонаҳои дигари равонӣ ва иҷтимоӣ муайян карда шудаанд. Ба таносуби вазъи ҳукуқии занон ва вазъи иҷтимоии онҳо равшанӣ андохта шудааст. Мафҳуми вазъи ҳуқуқии занон пешниҳод мешавад. Изҳори ақида шудааст, ки вазъи ҳуқуқии занон – категорияи таърихӣ мебошад, зеро вазъи ҳуқуқии занон дар Тоҷикистон дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ ва дар дохили тамаддунҳо хусусиятҳои худро пайдо намудааст. Консепсияи илмии вазъи ҳуқуқии занон бо истифода аз донишҳои илмии умуминазариявӣ мудаллал сохта шудааст.*

***Калидвожаҳо**: вазъи ҳуқуқии занон, хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии занон, вазъи иҷтимоии занон, фарҳанги миллӣ, ҳуқуқу озодиҳои занон, консепсияи илмии вазъи ҳуқуқии занон*

*Правовой статус женщин исследуется с учетом коренных изменений их социального положения. Особенности правового статуса женщин определяются с учетом половой принадлежности, иных психологических и социальных признаков. Определяется соотношение правового статуса женщин и их социального статуса. Предлагается авторское определение понятия «правовой статус женщин». Обосновывается идея, что правовой статус женщин является исторической категорией, поскольку данная категория развивалась в Таджикистане в различные исторические периоды и в периоды существования различных цивилизаций, обретая свои особенности. Обосновывается разработка концепции правового статуса женщин на основе общетеоретических знаний.*

***Ключевые слова**: правовой статус женщин, особенности правового статуса женщин, социальный статус женщин, национальная культура, права и свободы женщин, научная концепция правового статуса женщин*

*The article examines the legal status of women taking into account fundamental changes in their social status. The peculiarities of the legal status of women are determined taking into account their gender and other psychological and social characteristics. The relationship between the legal status of women and their social status is determined. So, the author's concept of the legal status of women is proposed. Therefore, the author's idea is substantiated that the legal status of women is a historical category, since this category developed in Tajikistan in various historical periods and during the existence of various civilizations, acquiring its own characteristics. The development of the concept of the legal status of women is substantiated on the basis of general theoretical knowledge.*

***Keywords:** legal status of women, the peculiarities of the legal status of women, social status of women, national culture, rights and liberty of women, scientific concept of the legal status of the women*

Ҳангоми таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занон дар ҷомеаи муосир тағйироти куллии ҳолати воқеии иҷтимоии занон, вусъати фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангии занон, иштироки занон дар идоракунии давлатӣ, дар мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, васеъ шудани ҳуқуқу озодиҳои занонро мебояд ба инобат гирифт. Айни замон дар адабиёти илмӣ паҳлуҳои нави вазъи ҳуқуқии занон омӯхта мешаванд. Чунончи, як қатор мухаққиқон ҳуқуқҳои соматикии (аз кал. юнонии «soma» – бадан) занонро эътироф мекунанд. Ҳуқуқҳои соматикӣ намуди ҳуқуқҳои инсон буда, асоси онро ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудани бадани инсонӣ ташкил медиҳад. Дар шароити рушди илмҳои биология, тиб, тибби биологӣ, биотехнология имконияти истифодаи ҳуқуқҳои соматикӣ, масалан, дар бахши ҷарроҳии пластикӣ, пайвандсозии узвҳо ё бофтаҳо, ҳомиладории сунъӣ, пешгирии ҳамл, муносибатҳои репродуктивӣ ва ғайра васеъ мешавад. Аз ин хотир, зарурати кафолати ҳуқуқҳои соматикӣ ба миён меояд [10;12;14;19].

И.Х. Бобоҷонзода ба ҳукуқҳои соматикӣ (шахсӣ) ҳуқуқҳои зеринро дохил мекунад: ҳукуқ ба марг, пайвандсозии узву бофтаҳо, иваз намудани ҷинс, репродуктивии сунъӣ, қатъи ҳамл ва дигар [1, с.7].

Хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии занон бо сифатҳои ҷинсии занон муайян карда мешаванд. Яке аз ин хусусиятҳо дар ҳукуқҳои репродуктивии занон ифодаи худро меёбад. Тавре М.Л. Бутовская қайд мекунад, «ҷинси инсон тавзеҳи морфофунксионалии бадан буда, хусусиятҳо ва қобилияти репродуктивии онро фаро мегирад» [3,с.11].

Аз рӯйи нишнаи биологӣ маъмулан тафовути мардон ва занон муайян карда мешавад. Айни замон дар баробари нишонаи биологӣ ҳамчунин, як қатор нишонахои дигари равонӣ ва иҷтимоӣ дар замони муосир ба инобат гирифта мешаванд. Чунончи, Е.П. Илйин қайд мекунад, ки маҷмӯи нишонаҳои фарққунандаи байни мардон ва занон проблемаи комплексии равонӣ ва физиологиро ташкил медиҳанд. Онҳо дар иртибот бо қобилият, рафтор, фаъолияти касбӣ, ҳаёти оилавии мардон ва занон зоҳир мешаванд [7,с.14].

Ҳамин тариқ, дар ҳаёти имрӯза мансубияти ҷинсии инсон бо нишонаҳои биологӣ ва иҷтимоӣ илова карда мешавад. Дар натиҷа барои муайян намудани тафовути мардон ва занон маҷмӯи нишонаҳои биологӣ, физиологӣ, равонӣ, иҷтимоӣ, аз қабили қобилияти репродуктивӣ, фаъолияти меҳнатӣ ва дигари касбӣ, ҳаёти оилавӣ, хусусиятҳои равонӣ, истеъдоду малака ба инобат гирифта мешаванд. Дар ин замина сифатҳои шахсии занон, хусусиятҳои биологӣ ва иҷтимоии онҳо дар таносуб бо сифатҳои мардон зимни таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занҳо бояд ба инобат гирифта шаванд.

Ҳамин сифатҳои махсуси занон хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии занонро муайян мекунанд. Ин хусусиятҳо дар ҷараёни ифодаи ҳуқукии вазъи воқеии занон, аз ҷумла дар қонунгузории меҳнатӣ, оилавӣ ва дигар ба инобат гирифта мешаванд. Чунончи, дар қонунгузории меҳнатӣ хусусиятҳои зиёди вазъи ҳуқуқӣ-меҳнатии занон ҳатман ба инобат гирифта мешаванд. Дар м. 4 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз принсипҳои қонунгузории меҳнат чунин ифода карда мешавад: «манъи табъиз, меҳнати маҷбурӣ ва истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок». Тибқи м. 216 Кодекси меҳнат: «Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон манъ аст». Дар моддаҳои 217-226 Кодекси меҳнат низоми меҳнат ва истироҳат барои занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, танаффус барои ғизодиҳии кӯдак, вақти нопурраи кор барои занон, маҳдудияти истифодаи ҷамъи баҳисобгирии вақти корӣ барои занони ҳомилалор, муваққатан ба кор дигар гузаронидани занони ҳомиладор ва заноне, ки кӯдакони то як солу шаш моҳа доранд, кафолат барои занон ҳангоми муқаррар намудани навбати пешниҳоди рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда, рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак, кафолатҳо барои занони ҳомиладор ва

фарзанддор ҳангоми ба кор қабул намудани онҳо, рухсатии кормандоне, ки кӯдаки навзодро фарзандхонд намудаанд ё васии онҳо мебошанд, муқаррар карда мешаванд [8].

Ҳамаи асосҳои методологӣ, ки болотар таҳлил гардиданд, ҳангоми таҳқиқи илмии вазъи ҳуқуқии занҳо бояд ба инобат гирифта шаванд. Вазъи ҳуқуқии шахс дар робита бо ҳолати ҳуқуқии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ хусусиятҳои худро пайдо мекунад.

Дар заминаи ин ақида хусусиятҳои зерини вазъи ҳуқуқии занон муайян ва пешниҳод мешаванд:

1. Занҳо ба мисли шахс дорои ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосӣ мебошанд. Ҳуқуқу озодиҳои занон ҷузъи ҳуқуқҳои инсон мебошанд. Айни замон вазъи ҳуқуқии занон хусусиятҳое дорад, ки бо сифатҳои шахсии занон ҳамчун гурӯҳи махсуси билогиву иҷтимоии аҳолӣ муайян карда мешавад. Ин хусусиятҳо дар робита бо ҳолати махсуси занон дар соҳаи таваллуди фарзанд, нигоҳубини фарзанд, дар оила, оиладорӣ, пешбурди хоҷагии оила, дар муносибатҳои меҳнатӣ ва ғайра муайян карда мешаванд. Бо дарназардошти ин хусусиятҳо дар қонунгузорӣ ҳуқуқҳои махсуси занон, озодиҳо, имтиёзҳо барои занон муқаррар карда мешаванд.

2. Ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои шахс, ки мазмуни вазъи ҳуқуқии шахсро муайян мекунанд, падидаи мутлақо ҳуқуқӣ нестанд. Ҳуқуқҳои инсон, озодии инсон, вазифаҳо ва масъулияти инсон ҷузъи тамаддун, фарҳанги ҷомеа, аз он ҷумла фарҳанги ҳуқуқӣ буда, бо ахлоқ, маънавиёт, дин, одату анъанаҳо робитаи зич доранд. Ҳуқуқу вазифаҳои шахс қаблан ҳамчун ҷузъи ахлоқ, дин, хулқу хӯй, одоби муошират, анъанаҳои никоҳу оиладорӣ, хоҷагидорӣ пайдо шуда, инкишоф ёфтаанд. Тавре Е.А. Лукашева қайд мекунад, ҳуқуқу вазифаҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ таърихан муқарраротҳои илоҳиро оид ба ҳуқуқу вазифаҳои категорияҳои гуногуни аҳолӣ ифода менамуданд [13,с.44].

Аз ин хотир, ҳуқуқу озодиҳо, ки вазъи ҳуқуқии занҳоро дар сарзамини таърихи тоҷикон муайян менамуданд, меъёрҳо, принсипҳо (ғояҳо), арзишҳои ахлоқӣ, динӣ, анъанавиро инъикос мекарданд. Ахлоқ, дин, одатҳо, анъанаҳо дар танзими вазъи ҳуқуқии занон дар сарзамини таърихии тоҷикон истифода мешуданд. Тавре Е.А. Лукашева қайд мекунад, ҳуқуқҳои инсон аз оғози ташаккулашон мазмуни ахлоқӣ, маънавӣ-фарҳангӣ ва динӣ доштанд [18, с.24]. Бар замми ин, одатҳои ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои динӣ, талаботи фитрӣ-ҳуқуқии ахлоқӣ (адолат, озодӣ ва ғайра) шаклҳои ифодаи ҳуқуқ маҳсуб мешаванд.

3. Вазъи ҳуқукии шахс дар ҷомеаи анъанавӣ ва ҷомеаи муосир фарқи куллӣ дорад. Ин тафовут бо мазмун ва номгӯи ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳо, робитаи байни давлат ва шахс, вусъати озодии иқтисодӣ, эҷодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, иттилоотӣ, тарзҳо ва усулҳои диспозитивии танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ, ниҳодҳои демократӣ, режими сиёсии демократӣ муайян карда мешавад. Яке аз маҳакҳои дигари тафовути вазъи ҳуқуқии шахс дар ҷомеаи анъанавӣ ва муосир дар иртибот бо сатҳи истифодаи меъёрҳои иҷтимоӣ дар танзими вазъи ҳуқуқӣ зоҳир мешавад. Вазъи ҳуқуқии шахс дар ҷомеаи анъанавӣ бо истифода аз ахлоқ, дин, одату анъанаҳо танзим карда мешуд. Тавре В.Е. Чиркин қайд мекунад, вазъи ҳуқуқии шахс дар ҷомеаи анъанавӣ бештар бо одатҳо ва мансубияти динии шахс муайян карда мешуд [20, с.177].

Аз ин рӯ, вазъи ҳуқуқии занҳо дар сарзамини таърихии тоҷикон бо меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ, динӣ, одатӣ, одоб, анъанаҳои миллӣ, аз ҷумла дар соҳаи никоҳ, оила, оиладорӣ, тарбияи фарзанд танзим карда мешуд.

Дар ин замина мафҳуми зерини вазъи ҳуқукии занонро пешниҳод намудан мумкин аст.

*Вазъи ҳуқуқии занон – маҷмуи ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои занон мебошад, ки ҳолати воқеии онҳоро тибқи меъёрҳо, принсипҳо, арзишҳои ахлоқӣ, динӣ, одатӣ, анъанавӣ муайян мекунад.*

Мафҳумҳои илмӣ оид ба вазъи ҳуқуқии шахс ҳангоми таҳлили вазъи ҳуқукии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, аз ҷумла занон дар адабиёти илмӣ ҳоло пешкаш мешаванд [6]. Ин аз он

далолат мекунад, ки таҳқиқоти илмии вазъи ҳуқуқии шахс ҳоло ба сатҳи нав баромада, аз таҳлилҳои илмии қаблӣ сифатан фарқ мекунад.

4. Инкишофи ҳуқуқу озодиҳо, ки вазъи ҳуқуқии шахсро муайян мекунанд, равнади таърихии мунтазам, бардавом, муташаккил, доимӣ мебошад. Тавре М.Н. Марченко қайд мекунад, ҳуқуқу озодиҳо дар як форматсияи ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ва дар доираи як тамаддун пайдо шуда, дар форматсияҳои минбаъдаи ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ва тамаддунҳои дигар инкишоф меёбанд [16, с.612-613].

Ҳуқуқу озодиҳои занон, ки вазъи ҳуқуқии онҳоро дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ дар сарзамини таърихии тоҷикон муайян мекунанд, дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ, дар дохили тамаддунҳои мухталиф (ориёӣ, исломӣ, авруосиёӣ) инкишоф ёфтаанд. Дар ҳар як марҳилаи таърихӣ, дар дохили тамаддунҳои мухталиф вазъи ҳуқуқии занони тоҷик тағйир меёфт. Аммо мазмуни фарҳангӣ-тамаддунии вазъи ҳуқуқии занони тоҷик, аз ҷумла унсурҳои фарҳангиву тамаддунии он, аз қабили арзишҳои ахлоқӣ, динӣ, маънавӣ, анъанаҳои оиладорӣ, тарбияи фарзанд бетағйир инкишоф меёбанд. Ҳамин унсурҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ ҳоло арзишҳои оилавиро ташкил медиҳанд. Оилаи тоҷик ба туфайли ҳамин арзишҳои оилавӣ то имрӯз пойдор мондааст. Таҷрибаи талхи як қатор кишварҳои Ғарб ҳоло нишон медиҳад, ки поймол гардидани арзишҳои оилавӣ боиси фисқу фасод дар ҷомеа, паҳн гардидани меъёрҳои ахлоқии аксулфарҳангӣ, нобуд гаштани оилаи пойдор ба маънои аслӣ ва иваз шудани он бо оилаҳои ғайриаслии ҳамҷинсон мегардад.

Дар заминаи гуфтаҳои боло ақида пешкаш мешавад, ки вазъи ҳуқуқии занон – категорияи таърихӣ мебошад. Вазъи ҳуқуқии занон дар сарзамини таърихии тоҷикон дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ ва дар дохили тамаддунҳо хусусиятҳои худро пайдо намудааст. Ба ин нигоҳ накарда, вазъи ҳуқуқии занон давомоти таърихиро нигоҳ доштааст. Ин давомоти таърихӣ дар он зоҳир мешавад, ки унсурҳои фарҳангӣ-тамаддунии он аз насл ба насл гузаштаанд. Ин унсурҳо ҳоло заминаи нигоҳдошти арзишҳо ва анъанаҳои оиладорӣ, пойдории оилаи тоҷик маҳсуб мешаванд.

Азбаски вазъи ҳуқуқии занон категорияи таърихист, мафҳуми он низ ба тариқи зайл бояд муайян карда шавад:

*Вазъи ҳуқуқии занон – маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои занон мебошад, ки таърихан, бо дарназардошти талаботи марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ ташаккул ёфта, ҳолати воқеии занонро дар низоми танзими меъёрии иҷтимоӣ муайян мекунад*.

Барои ҳамин, вазъи ҳуқуқии шахс на танҳо бо ҳуқуқ, балки арзишҳои фарҳангиву тамаддунӣ муайян карда мешавад. Зимни таҳлили вазъи хуқуқии шахс, аз ҷумла вазъи ҳуқуқии занҳо дар таърихи тоҷикон мазмуни васеи иҷтимоию фарҳангии онро мебояд ба инобат гирифт. Ба андешаи аксари муҳиққикон, вазъи ҳуқуқӣ унсури низоми ҳуқуқӣ, падидаи ҳуқуқӣ мебошад. Вазъи хуқуқӣ падидаест, ки ҷузъи ҳаёти инсон буда, бо тамоми меъёрҳои иҷтимоӣ, умуман низоми танзими меъёрии иҷтимоӣ алоқаи зич дорад. Вазъи ҳуқуқӣ ҷузъи фарҳанг ва тамаддун аст.

Зимни таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занон робитаи онро бо ҳаёти ҷомеа, намудҳои мухталифи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебояд ба инобат гиифт. Вазъи ҳуқуқӣ шакли ифодаи ҳуқуқии ҳолати воқеии занон дар ҷомеа мебошад. Ҳолати воқеии занон дар робита бо муносибатҳои ҷамъятӣ муайян карда мешавад. Тавре К. Маркс дар «Тезисҳо дар бораи Фейербах» навишта буд: «Моҳияти инсон абстракт набуда, мансуби фарди муайян нест. Дар ҳақиқати ҳол он маҷмӯи ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятист» [15, с.3].

Ҳолати воқеии шахс дар ҷомеа бо муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, бо фарҳанг, тамаддун, маънавиёт муайян карда мешавад. Ҳуқуқ шакли ифодаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, шакли шуури ҷамъиятӣ, падидаи ҳаёти ҷомеа мебошад. Ҳуқуқ аз сатҳи мавҷудаи шуури ҷамъиятӣ, сатҳи пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоии ҷомеа, талаботи

объективии ҳаёти ҷомеа ҷудо буда наметавонад. Дар ҳар як марҳилаи инкишофи таърихӣ навъи муайяни ҳуқуқ, ба мисли ҳуқуқи Бобулистони қадим, ҳуқуқи Мисри қадим, ҳуқуқи зардуштӣ, ҳуқуқи исломӣ, ҳуқуқи римӣ ва дигар инкишоф ёфтаанд. Ҳуқуқ ҳолати мавҷудаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла ҳолати воқеии ахлоқӣ, динӣ, одатӣ ва дигари шахсро инъикос мекунад. Барои ҳамин, вазъи ҳуқуқии занон дар сарзамини таърихии тоҷикон ҳолати воқеии онҳоро ифода намуда, ҷузъи ҳаёти ҷомеа мебошад. Вазъи ҳуқуқии занон ҳамчун мафҳуми таърихӣ падидаи мутлақо ҳуқуқӣ нест. Он шакли фодаи низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, ахлоқ, фарҳанг, тамаддун дар марҳилаҳои муайяни инкишофи таърихӣ мебошад.

Вазъи ҳуқуқи занон дар сарзамини таърихии тоҷикон зимни омӯзиши сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, динӣ, анъанавӣ муайян карда мешавад. Бар замми ин, шаклҳои ифодаи ҳуқуқ дар ҷомеаи анъанавӣ аз ҳамдигар пурра ҷудо нашуда буданд. Дар ҷомеаи ибтидоии тодавлатӣ меъёрҳои ахлоқӣ, одатӣ, одатӣ ягона буданд, дар шакли griмономеъёрҳо, яъне меъёрҳои ҷудонашаванда амал менамуданд. Дар марҳилаҳои минбаъда ин меъёрҳо робитаи байни ҳамдигарро нигоҳ медоранд. Сарчашмаҳои таърихӣ, аз қабили Қонунномаи Хамураби, Қонуни Ману, Эъломияи Куруши Кабир, Қонунномаи Сосониён ва дигар меъёрҳои ҷудонашавандаи динӣ, ахлоқӣ, анъанавӣ, сиёсӣ, экологӣ, ҳуқуқиро ифода мекунанд. Танҳо дар замони муосир, якҷоя бо вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ равнади аз ҳам ҷудо шудани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ оғоз мегардад. Ба ин нигоҳ накарда, дар ҳаёти имрӯзаи мо робитаи байни меъёрҳои ҳуқуқӣ, ахлокӣ, оилавӣ, корпоративӣ, анъанавӣ, динӣ, эстетикӣ, техникӣ, экологӣ, демогарфӣ, иттилоотӣ мушоҳида мешавад.

Аз ин хотир, вазъи ҳуқуқии занон дар сарзамини таърихии тоҷикон ҳолати воқеии онҳоро ифода намуда, бо меъёрҳои гуногуни иҷтимоӣ танзим карда мешуд.

Дар адабиёти илмӣ оид ба вазъи ҳуқуқии занон нуқтаҳои назари мухталиф ҷой доранд. Чунончи, як қатор муҳаққиқон вазъи ҳуқуқии занонро бо истифода аз нуқтаи назари васеи иҷтимоӣ муайян менамоянд. Дар ин холат вазъи ҳуқуқии шахс ба сифати падидаи иҷтимоӣ ё ҳуқуқӣ таҳлил карда мешавад. Масалан, ба андешаи О.В. Богомазова, вазъи ҳуқуқии занон падидаи иҷтимоӣ буда, дар робита бо талаботи ҷомеа пайдо мешавад, аз меъёрҳо ва қоидаҳои муайяни иҷтимоӣ, тартиби татбиқу таъмини онҳо иборат аст [2, с.16].

Чунин нуқтаи назар мубохисавӣ мебошад. Дар ҳолати дарки вазъи ҳуқуқии занон ба ҳайси падидаи иҷтимоӣ аслан тафовути байни холати воқеӣ (иҷтимоӣ) ва вазъи ҳуқуқии занон ба инобат гирифта намешавад. Меъёрҳои иҷтимоӣ ҳолати иҷтимоии занонро муайян мекунанд. Вазъи ҳуқуқӣ бошад, бо муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Аз ин хотир, вазъи ҳуқуқии занон падидаи ҳуқуқӣ мебошад.

Илова бар ин, вазъи иҷтимоӣ, вале на вазъи ҳуқуқии занон, метавонад ҳамчун институти иҷтимоӣ таҳқиқ гардад. Институти иҷтимоӣ аз маҷмӯи меъёрҳо, қоидаҳо, принсипҳо, арзишҳои иҷтимоӣ иборат буда, вазъи воқеии иҷтимоии (ҷамъиятии) занонро дар ин ё он марҳила ё давраи инкишофи таърихӣ муайян мекунад. Вазъи иҷтимоии занон бо чунин меъёрҳо муайян карда мешавад.

Ба андешаи О.И. Богомазова, вазъи ҳуқуқии занон институти мустақили умумисоҳавӣ буда, аз маҷмӯи ҳуқуқу вазифаҳои занон иборат аст. Мустақилияти ин институти умумии ҳуқуқӣ бо он муайян карда мешавад, ки паҳлуҳои таърихӣ ва хусусиятҳои худро дорад [2, с.16].

Мебояд зикр намуд, ки вазъи ҳуқуқии шахс низ дар як қатор асарҳои илмӣ ба ҳайси институти комплексии давлатӣ-ҳуқуқӣ таҳқиқ карда мешавад. Аз ин андеша, масалан, Л.Д. Воеводин истифода намуда, вазъи ҳуқуқиро институти давлатӣ-ҳуқуқии комплексӣ меномад [4, с.13].

Тибқи ин нуқтаи назар, вазъи ҳуқуқии занон падидаи ҳам давлатӣ ва ҳам ҳуқуқӣ

мебошад. Дар ин ҳолат мафҳуми «вазъи ҳуқуқии занон» ҳамчун падидаи комплексӣ зарурати дарки онро ба ҳайси падидаи ҳам ҳаёти давлатӣ ва ҳам ҳаёти ҳуқуқӣ талаб мекунад.

Айни замон ин андеша мубҳисавӣ аст. Агар вазъи ҳуқуқии занон ҳамчун институти комплексии давлатӣ-ҳуқуқӣ баромад кунад, пас таҳлили он аз доираи институти ҳуқуқӣ берун мебарояд, чунки дар ин ҳолат вазъи ҳуқуқии занон ҳамчун падидаи давлатӣ-ҳуқуқӣ тавсиф дода мешавад.

Ба андешаи Д.Ф. Латипова, вазъи ҳуқуқии занон институти мустақили «байнисоҳавии ҳуқуқ» мебошад [11]. Ба ақидаи мавсуф, ин интитути ҳуқукро маҷмӯи меъёрҳои гуногунсоҳа ташкил дода, вазъи ҳуқуқии занон бо меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, маданӣ ва соҳаҳои дигар танзим карда мешавад. Илова бар ин, муаллифи номбурда аз мафҳуми «институти ҳуқуқ» истифода мебарад, ҳол он ки муаллифони дигар ба мафҳуми «институти ҳуқуқӣ» таваҷҷуҳ доранд.

Ақидаи Д.Ф. Латипова дар хусуси танзими вазъи ҳуқуқии занон бо истифода аз меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ қобили дастгирист. Дар воқеъ, вазъи ҳуқуқии занонро на як соҳаи мустақили ҳуқуқ, балки соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ танзим мекунанд. Аммо истифодаи мафҳуми «институти байнисоҳавӣ» нисбат ба вазъи ҳуқуқии занон мубоҳисавӣ аст, чунки дар ин ҳолат мансубияти он ба соҳаҳои муайяни ҳуқуқ аниқ карда намешавад. Бар замми ин, андешаи Д.Ф. Латипова оид ба таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занон ба сифати институти комплексии ҳуқуқ имкониятҳои омӯзиши онро бо меъёрҳои ин ё н соҳаҳои ҳуқуқ маҳдуд намуда, таҳқиқи умуминазариявӣ аҳамияташро гум мекунад.

Мафҳуми «вазъи ҳуқуқии занон» бо дарназардошти танзими он бо меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ шаклҳои мушаххас пайдо мекунад. Дар ин замина вазъи ҳуқуқии занон дар муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ, гражданӣ, конститутсионӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ ва ғайра аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд. Дар муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ вазъи ҳуқукии занон дар иртибот бо маҷмӯи мухалифи ҳуқуқу вазифаҳо хусусиятҳои муайянро пайдо мекунад. Дар заминаи чунин хусусиятҳо вазъи ҳуқуқии занонро дар муносибатҳои ҳуқуқии оилвай ва меҳнатӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Дар заминаи чунин усули таҳқиқи илмӣ, ки бештар дар илмҳои соҳавии ҳуқуқшиносӣ истифода мешавад, пешниҳод намудани мафҳуми умумиии «вазъи ҳуқуқии занон» душвор аст. Аз ин хотир, дар таҳқиқоти илмии умуминазариявӣ, ки солҳои охир истифода мешавад, кӯшиши пешбарии мафҳуми умумии «вазъи ҳуқуқии занон» ба харҷ дода мешавад. Ин мафҳуми илмӣ аз як тараф бо истифода аз донишҳои илмии назарияи давлат ва ҳуқуқ, мафҳумҳои умумии назариявӣ, аз қабили «шахс», «инсон», «фард», «вазъи ҳуқуқии шахс», «ҳолати иҷтимоӣ» ва дигар муайян ва пешкаш карда мешавад. Аз тарафи дигар зимни пешбарии мафҳуми умумӣ хусусиятҳои вазъи ҳукуқии занон дар мунсибатҳои ҳуқуқии гуногун ва дастовардҳои илмҳои ҳуқуқшиносии соҳавӣ ҳатман ба инобат гирифта мешаванд.

Пешбарии мафҳуми умумии илмии «вазъи ҳуқуқии занон» аҳаммияти илмӣ-методологӣ дорад. Аҳаммият ва зарурати пешкаши чунин мафҳуми умумиро аксарияти муҳаққиқони назарияи давлат ва ҳуқуқ якдилона эътироф мекунанд. Чунончи, С.В. Ворошилова зарурати тарҳрезии консепсияи ягонаи вазъи ҳуқуқии занонро барои ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ исбот мекунад [5].

Бо ин иқидаи муаллиф мебояд розӣ шуд. Дар воқеъ, пешбарии консепсияи илмии вазъи ҳуқуқии занон бо истифода аз донишҳои илмии умуминазариявӣ ҳам барои таҳқиқи илмии умуминазариявӣ ва ҳам соҳавии ҳуқуқӣ аҳаммияти методологӣ дорад.

Якум, чунин консепсияи умумии илмӣ хусусиятҳои умумии мафҳуми вазъи ҳуқуқии занонро ба сифтаи категорияи «вазъи ҳуқуқии шахс» ифода мекунад.

Дуюм, консепсияи умумии илмӣ хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии занонро дар муносибатҳои

гуноуни ҳуқуқӣ ба инобат мегирад.

Сеюм, консепсияи илмии мазкур дар ҷараёни такмили қонунгузорӣ оид ба вазъи ҳуқуқии занон, тарҳрезӣ ва амалӣ намудани ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ, аз он ҷумла сиёсати давлат дар ин соҳа метавонад истифода гардад.

Чорум, консепсияи илмии мазкур қонуниятҳои умумии инкишофи вазъи ҳуқуқии занонро, алалхусус, бо дарназардошти мабрам гардидани проблемаи гендерӣ дар илм ва амалияи муосир муайян мекунад.

Панҷум, ин консепсияи умумии илмӣ дар робита бо вазъи воқеии иҷтимоии занон пешкаш меардад ва аз ин лиҳоз, нақши меъёрҳои гуногуни иҷтимоиро дар танзими вазъи иҷтимоии занон муайян мекунад.

Барои ҳамин, вазъи ҳуқуқии занонро ҳамчун падидаи комплексӣ мебояд таҳқиқ кард. Падидаи комплексӣ будани вазъи ҳуқуқии занон дар шаклҳои зайл зоҳир мешавад:

- вазъи ҳуқуқии занон падидаи муҳимми ҳаёти ҷомеа, ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти ҷомеа, заминаи нигоҳдории насли инсонӣ, ивазшавии наслҳо ва рушди ҷомеаи инсонӣ мебошад;
- вазъи ҳуқуқии занон ҷузъи тамаддуни инсонӣ маҳсуб мешавад;
- вазъи ҳуқуқии занон институти иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад.

Интихоби ин ё он мафҳуми зикршуда аз мақсадҳои таҳқиқоти илмӣ вобастагӣ дорад. Чунончи, таҳқиқи илмии инкишофи вазъи ҳуқуқии занон дар сарзмани таърихии тоҷикон ва Тоҷикистони муосир зарурати таҳқиқи комплексии вазъи ҳуқуқии занонро ҳамчун падидаи ҳаёти ҷомеа, ҷузъи фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон, унсури низоми давлативу ҳуқуқӣ, унсури ҳаёти ҳуқуқӣ, институти иҷтимоӣ, институти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ талаб мекунад.

Аз ин хотир, инкишофи вазъи ҳуқуқии занон дар Тоҷикистон дар шаклҳои зайл баромад мекунад:

- вазъи ҳуқуқии занон падидаи ҳаёти ҷомеа, ҷузъи тамаддуни инсонӣ, алалхусус, фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон мебошад;
- вазъи ҳуқуқии занон унсури таркибии ҳаёти давлатӣ-ҳуқуқӣ буда, бо пайдоиши давлат ташаккул меёбад ва дар ҷараёни танзими давлатӣ-ҳуқуқии вазъи иҷтимоии занон инкишоф меёбад;
- вазъи ҳуқуқии занон падидаи ё институти иҷтимоӣ буда, зарурати омӯзиши вазъи иҷтимии занонро дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ дар робита бо меъёрҳои иҷтимоӣ (ахлоқӣ, динӣ, одатӣ, равонӣ, анъанаҳо ва ғайра) талаб мекунад;
- вазъи ҳуқуқии занон ҷузъи ҳаёти ҳуқуқӣ буда, бо унсурҳои дигари ҳаёти ҳуқуқӣ, аз он ҷумла унсурҳои муташаккили танзимшуда (никоҳ, оила, масъулияти тарафайни зану шавҳар ва дигар) ва падидаҳои номуташаккили танзимнашуда (истифодаи зӯрӣ дар оила, азобу шиканҷаи занон ва фарзандон, маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои занону фарзандон дар оила ва ғайра) робита дорад;
- вазъи ҳуқуқии занон унсури таркибии низоми ҳуқуқӣ буда, дар шакли маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии комплексӣ (конститутсионӣ, маданӣ, оилавӣ, мурофиавӣ, байналмилалӣ ва дигар) баромад мекунад.

Бо дарназардошти нуктаҳои зикршуда боз як хусусияти дигари вазъи ҳуқуқии занон ошкор мешавад. Вазъи ҳуқуқии занон дар таҳқиқоти умуминазариявӣ ба сифати падидаи ҳуқуқии комплексӣ баромад мекунад. Вазъи ҳуқуқии занонро бо дарназардошти меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ё оилавӣ омӯхтан мумкин аст. Вале дар ин ҳолат таҳқиқоти илмӣ хусусияти соҳавӣ пайдо мекунад. Барои ҳамин, вазъи ҳуқуқии занон ҳамчун самти таҳқиқоти умуминазариявӣ падидаи ҳуқуқии комплексӣ мебошад. Дар ин самти таҳқиқоти илмӣ вазъи ҳуқуқии занон бо дарназардошти ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тамоми

меъёрҳои ҳуқуқӣ (соҳаҳои ҳуқуқ) таҳлил карда мешавад.

Тавре маълум аст, дар адабиёти илмӣ оид ба таносуби мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқии шахс» ва «ҳолати ҳуқуқии шахс» ақидаҳои мухталиф ҷой доранд. Ҳамин баҳси илмӣ зимни таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занон низ ба мушоҳида мерасад.

Чунончи, О.И. Богомазова мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқии занон» ва «ҳолати ҳуқуқии занон»-ро аз ҳамдигар ҷудо мекунад [2,с.19].

Ба андешаи Д.Ф. Латипова, ҷудо намудани мафҳумҳои зикршуда имкон медиҳад, ки саҳми меъёрҳои одатӣ, динӣ, ҳуқуқӣ дар инкишофи «мавқеи занон дар ҷомеа муайян карда шавад» [11,с.34].

Аммо нуктаи назари муҳаққиқони зикршуда мубохисавист. Дар асл мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «ҳолати ҳуқуқӣ» аз ҳамдигар фарқ намекунанд. Вазъи ҳуқуқӣ шакли ифоаи меъёрии ҳолати ҳуқуқии шахс мебошад. Дар ҳар ду ҳолат барои ифодаи вазъи шахс дар ҷомеа ва давлат истилоҳи «ҳуқуқӣ» истифода мешавад. Аз ин хотир, вазъи ҳуқуқӣ ё ҳолати ҳуқуқии шахс бо маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои шахс муайян карда мешавад.

Ба анешаи О.И. Богомазова, вазъи ҳуқуқии занон мавқеи занонро «дар низоми ҳуқуқии ҷомеа» муайян мекунад, ҳолати ҳуқуқии занон бошад, дар муносибатҳои ҳуқуқии воқеӣ зоҳир мегардад [2,с.20].

Чунин нуқтаи назар баҳснок аст. Муносибатҳои ҳуқуқӣ бо вазъи ҳуқуқӣ ва ҳолати ҳуқуқии шахс, агар ин мафҳумҳо ҷудо карда шаванд, алоқаманд мебошанд. Ҳуқуқу вазифаҳои занон зимни иштироки онҳо дар муносибатҳои ҳуқуқӣ пайдо мешаванд ва амалӣ мегарданд. Аммо О.И. Богомазова муносибатҳои ҳуқуқиро танҳо бо ҳолати ҳуқуқии занон алоқаманд намуда, робитаи ҳолати ҳуқуқиро бо ин муносибатҳо сарфи назар мекунад. Чунин андешаи баҳсталаб дар натиҷаи аз ҳам ҷудо намудани мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқии занон» ва «ҳолати ҳуқуқии занон» пайдо мешавад. Ин бори дигар собит менамояд, ки тафовути мафҳумҳои зикршуда ягон асоси воқеӣ надорад.

Тавре қайд гардид, мафҳуми «вазъи ҳуқуқии щахс» аз мафҳуми «ҳолати ё вазъи иҷтимоии шахс» фарқ мекунад. Вазъи ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳолати иҷтимоӣ бошад, бо меъёрҳои дигари иҷтимоӣ, аз ҷумла ахлоқӣ, динӣ, одатӣ, сиёсӣ, оилавӣ ва дигар муайян карда мешавад.

Барои ҳамин, мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқии занон» ва «ҳолати ҳуқуқии занон» аз ҳамдигар фарқ намекунанд. Андешаи муҳаққиқоне, ки ин мафҳумро ҷудо мекунанд, қобили дастгирӣ нест. Мафҳумҳои зикршуда вазъ ё ҳолати ҳуқуқии занонро дар робита бо ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои занон муайян менамояд.

Мафҳуми «вазъи ҳуқуқии занон» аз мафҳуми «ҳолати ё вазъи иҷтимоии занон» бояд ҷудо карда шавад. Ҳолати иҷтимоӣ ё вазъи иҷтимоии занон бо маҷмӯи меъёрҳои ахлоқӣ, оилавӣ, динӣ, эстетикӣ, сиёсӣ, одатӣ, анъанаҳои миллӣ муайян карда мешавад.

Взъи иҷтимои занон ва вазъи ҳуқуқии занон бо ҳамдигар робитаи зич ва дутарафа доранд.

Робитаи байни вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занон шаклҳо ва тамоюли зерини зуҳорот дорад:

1. Дар давраҳои муайяни инкишофи таърихӣ, асосан дар ҷомеаи қадим ва дар асрҳои миёна бо дарназардошти истифодаи якҷояи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дигари иҷтимоӣ вазъи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии занон дар шакли вазъи иҷтимоӣ-ҳуқуқии занон зоҳир мегардид. Қонунҳои давлатҳои қадим дар кишварҳои мухталиф меъёрҳои ахлоқӣ, одатӣ, динӣ, ҳуқуқӣ ва дигари иҷтимоиро, сарфи назар аз тафовути аниқашон, бо мақсади танзими ҳаёти ҷомеа истифода намуда буданд. Аз ин нуқаи назар, истифодаи мафҳуми «вазъи иҷтимоӣ-ҳуқуқии занон» барои ин марҳилаҳои инкишофи таърихӣ ба воқеияти давлатӣ-ҳуқуқии ин марҳилаҳо мувофиқ аст.

2. Робитаи устувори вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занон дар давраҳои минбаъдаи инкишофи таърихӣ низ мушоҳида мешавад. Бо баробари фаъол гардидани амалияи ҳуқуқэҷодкунӣ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус оид ба вазъи ҳуқуқии занон, робитаи байни вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занон мисли даврахои пештара боқӣ мемонад. Меъёрҳои гуногуни иҷтимоӣ, ки ҳаёту фаъолияти занонро танзим мекунанд, ба вазъи ҳуқуқи занон таъсири бевосита мерасонад. Тавре маълум аст, раванди таърихии ташаккули пурраи вазъи ҳуқуқии занон, эътирофи якдилонаи ҳуқуқу озодиҳои занон тӯлонӣ буда, давраҳои душвори таърихӣ ва муборизаи занонро барои озодии хеш дар бар мегирад. Дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон, аз он ҷумла дар Ғарб ин раванди таърихӣ хело мураккаб буд. Ҳамаи ин натиҷаи таъсири меъёрҳои иҷтимоӣ, ахлоқ, дин, шуури ҷамъиятӣ, анъанаҳои таърихӣ ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати давлат дар ин соҳа маҳсуб мешавад.

3. Таъсири анъанаҳои таърихӣ, одату арзишҳои оилавӣ, ахлоқ, шуури динӣ ба вазъи ҳуқуқии занон дар ҳаёти имрӯза низ дар ҳамаи кишварҳо ба мушоҳида мерасад. Айни замон таъсири онҳо дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад. Чунончи, ҳолатҳои гуногуни зӯроварӣ дар оила, хушунат, табъиз, ба таври сунъӣ маҳдуд намудани озодӣ ва ҳуқуқҳои занону духтарон дар оила, бисёрзанагӣ ва ғайра, ки имрӯз низ ба чашм мерасанд, бо унсурҳои гуногуни шуури ахлоқӣ ва динии қишрҳои гуногуни ҷомеа, анъанаҳову одатҳои кӯҳна робита доранд.

4. Ҳамзамон бо ин, арзишҳои ахлоқӣ, оилавӣ, динӣ, анъанаҳои таърихан ташаккулёта ба инкишофи ҳаёти оилавӣ, тарбияи фарзандон, ҳаёти ҷамъиятии занон, аз он ҷумла ба вазъи ҳуқуқии занон таъсири самарабахш мерасонанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» истифодаи анъанаҳои ҳаётан муҳимро дар соҳаи оила, таълиму тарбияи фарзанд пешбинӣ мекунад. Чунончи, тибқи м. 8 Қонуни мазкур, падару модар уҳдадоранд, ки ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд, фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбияи намоянд [9].

5. Вазъи иҷтимоӣ ва вазъи ҳуқуқии занон алоқаи тарафайн доранд. Аз як тараф вазъи иҷтимоии занон, ки воқеӣ аст, ба ташаккулу инкишоф, мазмун, принсипҳои вазъи ҳуқуқии занон таъсир мерасонад. Чунончи, шуури ҷамъиятӣ, арзишҳои оилавӣ, анъанаҳои миллии оиладорӣ, сатҳ ва шаклҳои тарбия ва таълими занон ба вазъи ҳуқуқии онҳо таъсир мерасонанд. Қонунгузорӣ вазъи ҳуқуқии занонро бо дарназардошти шароити ҷамъиятии зиндагиву фаъоляти онҳо, шароити таърихии ҷомеа, меъёрҳои ахлоқӣ, оилавӣ, анъанаҳо ва дигари иҷтимоӣ, ки дар ҳаёти ҷомеа воқеан ҷой доранд, ифода мекунад. Барои ҳамин, вазъи ҳуқуқии занон дар давлатҳои ҷудогонаи ҷаҳон дар робита бо хусусиятҳои фарҳанги миллӣ аз ҳамдигар фарқ мекунад. Одатҳои кӯҳна, ки ба инкишофи вазъи ҳуқуқии занон таъсири манфӣ мерасонанд, аз тарафи қонуннузор рад карда мешаванд. Дар санадҳои қонунгузорӣ одату анъанаҳои миллӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва динӣ, меъёрҳои зиёди оилавӣ ва оиладорӣ дар бахши таълиму тарбияи фарзанд, ки барои инкишофи муътадили вазъи ҳуқуқии занон, таъмини озодии занон, амалӣ гаштани ҳуқуқҳои онҳо, ҳифзи арзишҳои оилаи анъанавӣ аҳаммияти фарҳангӣ доранд, инъикоси худро меёбанд.

Вазъи иҷтимоии занон, ки бо низоми меъёрҳо ва арзишҳои воқеии иҷтимоӣ муайян карда мешавад, ба вазъи ҳуқуқии занон таъсири бевосита ва ҳалкунанда мерасонад. Вазъи воқеии занон, меъёрҳо ва арзишҳои муфиди фарҳанги миллӣ ҳангоми ифодаи қонунии вазъи ҳуқуқии занон ҳатман ба инобат гирифта мешаванд.

Аз тарафи дигар вазъи ҳуқуқии занон ба вазъи иҷтимоии онҳо таъсири мутақобила мерасонад. Вазъи воқеии занон дар ҷомеа бо баробари ифодаи ҳуқуқӣ комилан тағйир меёбад. Чунончи, дар солҳои аввали ғалабаи ҳокимияти шӯравӣ вазъи ҳуқуқии занони шӯравӣ, ки дар санадҳои давати шӯравӣ мустаҳкам мешавад, боиси аз байн рафтани

меъёрҳо ва одатҳои кӯҳнаву ақибмонда дар ҳаёту фаъолияти занон гардид. Занон якҷоя бо ифодаи ҳуқуқии вазъи иҷтиимоии хеш барои озодона амалӣ намудани ҳуқуқҳояшон ба меҳнат, таҳсил, истироҳат, нафақа ва дигар имкониятҳои бештар пайдо намуданд.

Дар солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи ҳуқуқии занон дар муқоиса бо давраи шӯравӣ инкишоф ёфт. Кафолатҳои давлатии ҳуқуқу озодиҳои занон бештар гардиданд. Баъд аз қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа», санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатии ин соҳа вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занон комилан тағйир ёфт, иштироки занон дар ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ вусъат ёфт. Санадҳои қонунгузории давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон кафолатҳои нави ҳуқуқу озодиҳои занонро таъмин намуданд. Дар натиҷаи сиёсати оқилонаи давлати Тоҷикистон, алалхусус, Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи ҳуқуқии занон дар тафовут бо замони шӯравӣ тағйир ёфт.

Айни замон такмили вазъи ҳукуқии занон ба вазъи иҷтимоии занон низ таъсир расонид. Вазъи иҷтимоии занони Тоҷикистон аз вазъи иҷтимоии занони шӯравӣ фарқ дорад, зеро ба беҳбудӣ, инкишоф, такмил, таҳавулоти таърихӣ майл дорад.

Ҳамин тариқ, вазъи ҳуқуқии занон, инкишоф ва такмили мунтазами он ҳатман ба мазмуни вазъи иҷтимоии занон таъсир мерасонад. Барои ҳамин, дар байни вазъи ичтимоӣ ва ҳуқуқии занон таъсири мутақобила ҷой дорад.

## ***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Бабаджанов И.Х. Жизнь и смерть человека как институционально-правовые категории (теоретико-аксиологический и частноправовой анализ): монография / В двух книгах. Книга первая: Генезис и субстанциональные основы жизни и смерти человека в правовой науке / И.Х. Бабаджанов. - Душанбе, 2016. – 381 с.*
2. *Богомазова О.И. Правовой статус женщин и его особенности в современном российском обществе: дис. ... канд. юрид. наук / Специальность 12.00.01-– Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве /О.И. Богомазова. – Владимир, 2008. – 142 с.*
3. *Бутовская М.Л. Антропология пола / М.Л. Бутовская. - Фрязино: Век 2, 2013. – 256 с.*
4. *Воеводин, Л.Д. Юридический статус личности в России / Л.Д. Воеводин. - Москва: Норма, 1997. – 304 с.*
5. *Ворошилова С.В. Правовое положение в России в XIX – начале XX века: дис. ... д-ра юрид. наук / С.В. Ворошилова. – Саратов, 2011. – 406 с.*
6. *Ворошилова С.В. Правовое положение женщин в России в XIX - начале XX вв. ... дис. докт. юрид. наук / Специальность 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве / С.В. Ворошилова. - Саратов, 2011. – 406 с.*
7. *Ильин Е.П. Пол и гендер/ Е.П. Ильин. – Санкт-Петербург: Питер, 2010. – 608 с.*
8. *Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. - № 7. – Мод. 604.*
9. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. - № 7-8. – Мод. 616. Бо тағироту иловаҳо аз 15 марти соли 2016.*
10. *Крусс В.И. Личностные («соматические») права человека в конституционном и философско-правовом измерении: к постановке проблемы / В.И. Крусс // Государство и право. - 2000. - № 10. - С. 39-49.*
11. *Латыпова Д.Ф. Правовое положение женщин: дис. ... канд. юрид. наук: / Специальность 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о*

*праве и государстве / Д. Ф. Латыпова. - Москва, 2002. – 157 с.*

12. *Леонтьев К. Н. Византизм и славянство // Россия глазами русского: Чаадаев, Леонтьев, Соловьев / К. Н. Леонтьев. – Санкт-Петербург, 1991. - С. 195-270.*
13. *Лукашева Е.А. Человек, право, цивилизации: нормативно-ценностное измерение / Е.А. Лукашева. - Москва: Норма, 2009. – 384 с.*
14. *Малеина М. Н. Человек и медицина в современном мире / М.Н. Малеина. - Москва: БЕК, 1995. – 260 с.*
15. *Маркс К. Тезисы о Фейербахе /Маркс К., Энгельс Ф. Соч. Т. 3. – Москва, 1955. - С. 1-4.*
16. *Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права. – Т. 1. Государство / М.Н. Марченко. – Москва, 2007. – 304 с.*
17. *Мельников В. С. Социальные и правовые аспекты медицинской деятельности / Кировский гос. ин-т / В. С. Мельников. - Киров, 1997. – 190 с.*
18. *Права человека: учебник / Под ред. Е.А. Лукашевой. – Москва: Норма, 2009. – 322 с.*
19. *Старовойтова О.Э. Юридический механизм реализации и защиты соматических прав человека и гражданина в Российской Федерации: историко-правовой и теоретический анализ: дис. ... д-ра юрид. наук / Специальность 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве / О.Э. Старовойтова. - Санкт-Петербург, 2006. – 453 с.*
20. *Чиркин В.Е. Современные цивилизации и статус человека // Всеобщая декларация прав человека: универсализм и многообразие опытов / В.Е.Чиркин. – Москва, 2009. – С. 173-179.*

**REFERENCES:**

1. *Babajanov I.Kh. Human's Life and Death as the Institutional-Legal Category (theoretico-axiological and private-legal analysis) Monography. In two books. The first book: Genesis and substantial basis of human's life and death in legal science. – Dushanbe, 2016.-PP 7. 381 pp.*
2. *Bogomazova O.I. Legal Status of Women and its Peculiarities in Modern Russian Society: dis.… candidate of legal sciences / specialty 12.00.01—theory and history of law and state; the history of study of law and state /Olga Ivanovna Bogomazova. –Vladimir. 2008. – 142 pp.*
3. *Butovskaya M.L. Gender Anthropology. – Fryazina: Vek 2. – 2013. – 256 pp.*
4. *Voevodin L.D.Legal Status of Privacy in Russia / L.D.Voevodin. - M.: Norma, 1997. – 304 pp.*
5. *Voroshilova S.V. Legal Condition in Russia in XIX – beginning of XX century: dis. ... doctor of legal sciences. – Saratov, 2011. – 406 pp.*
6. *Voroshilova S.V. Legal Condition of Women in XIX – beginning of XX centuries. ... dis. Doctor of legal sciences / specialty 12.00.01 – theory and history of law and state; the history of study of law and state / Svetlana vyacheslavovna Boroshilova. - Saratov, 2011. – 406 pp.*
7. *Ilin E.P. Sex and Gender. –Saint Peterburgh:Peter, 2010. – 608 pp.*
8. *Labour Code of Tajikistan Republic //Message ofMajlisi Oli of Tajikistan Republic. – 2016. - № 7. – Article. 604.*
9. *The Law of Tajikistan Republic "On the Responsibility of Parents in their Children;s education" // Message of Majlisi Oli of Tajikistan Republic. – 2011. - № 7-8. – Article. 616.With amended and supplemented from March 15, 2016.*
10. *Cruise V.I. Private (somatic) Human Rights in Constitutional and Philosophical – Legal Dimension: to the problem-setting //State and Law. - 2000. - № 10. - PP. 39-49.*
11. *Latipova D.F. Legal Condition of Women: dis. ... candidate of legal sciences: / specialty 12.00.01 – theory and history of law and state; the history of study on law and state / Diana Floridovna Latipova - M., 2002. – 157 pp.*
12. *Leontev K.N. Byzantism and Slavdom //Russia from the view of Russian: Chaadaev, Leontev, Solovev. – St. Petersburg ., 1991. – PP. 195-270.*

**13.** *Lukasheva E.A. Human, Law, Civilization: normative-valuable dimension. - M.: Norma, 2009. – 384 pp.*

**14.** *Maleina M.N. Human and Medicine in the Modern World. - M.: ВЕК, 1995 – 260 pp.*

**15.** *Marx K. «Thesis on Feuerbach» // Marx К., Engels F. – Com. – V. 3. – M.. 1955. - PP. 1-4.*

**16.** *Mrchenko M.N. The Problem of the Theory of State and Law. – V. 1. State. – M., 2007. – 304 pp.*

**17.** *Melnikov V.S. Social and Legal Aspects of Medical Activity /Kirov state Institute - Кirov, 1997 – 190 pp.*

**18.** *Human's Right. Manual /under the editorship of E.A.Lukashev. – M.: Norma, 2009. – 322 pp.*

**19.** *Starovoitova O.E. Juridical Mechanism in Realization and Protection of Somatic Human and the Citizens of Russian Federation's Rights: historical-legal and theoretical analysis:dis. ... doctor of legal sciences. / specialty 12.00.01 – theory and history of law and state; the history of study on law and state St. Petersburg., 2006. – 453 pp.*

**20.** *Chirkin V.E. Modern Civilization and Human's Status // Universal Declaration of Human Rights: universalism and various experiences. – M., 2009. – PP. 173-179.*